# ҚАРОРИ
# ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# № 3

**аз 25 июни соли 2004** **шаҳри Душанбе**

**Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ**
***(бо тағйиру иловаҳое, ки бо қарорҳои Пленум аз 30 июни соли 2011, №2 ва аз 18 ноябри соли 2013, №15 ворид карда шудаанд)***

Таҷрибаи судии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба татбиқи қонунгузорӣ оиди парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба тасарруфи молу мулки ғайр нишон медиҳад, ки судҳои ҷумҳурӣ ҳангоми баррасии парвандаҳои категорияи мазкур татбиқи дурусти қонунгузориро асосан таъмин мекунанд.

Дар баробари ин, дар фаъолияти судҳои алоҳида дар банду басти ҳаракатҳои гунаҳгорон аз рӯи тарзи тасарруф, андозаи (арзиши) молу мулки тасарруфшуда, бо нишонаҳои такрорӣ, ҷудо кардани тасарруф аз дигар таркиби ҷиноятҳо, тасарруфи тамомшуда аз нотамом, давомдор аз такрорӣ хатогиҳо ҷой доранд.

Бо мақсади таъмин намудани татбиқи дурусти қонунгузорӣ оиди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва ҳуҷумҳои роҳзанона ва алоқамандона ба масъалаҳое, ки дар таҷрибаи судӣ пайдо мешаванд, дар асоси моддаи 27 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, -

## ҚАРОР КАРД:

Ба судҳо тавзеҳоти зерин дода шаванд:

1. Ҳангоми баррасии парвандаҳои марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ, ки ҷиноятҳои нисбатан паҳншуда ба муқобили моликият ба шумор мераванд, ба судҳо лозим аст дар назар дошта бошанд, ки мутобиқи банди 1 Эзоҳи моддаи 244 Кодекси ҷиноятии (минбаъд КҶ) Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти мафҳуми тасарруф ғайриқонунӣ, бо мақсади ғаразнок, ройгон гирифтан ва (ё) ситонидани молу мулки ғайр ба фоидаи гунаҳгор ё дигар шахсон дар назар дошта шудааст.

Ба иртиботи ҳар кадоме аз чунин парвандаҳо судҳоро лозим аст, ки бо мақсади банду басти дурусти ҳуқуқии ҳаракатҳои шахсони дар содир намудани ин ҷиноятҳо гунаҳгор, роҳ надодан ба хатогиҳои марбут ба нодуруст тавзеҳ додани мафҳуми тасарруфи ниҳонӣ, бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ, ё ин ки ошкоро тасарруф кардани молу мулки ғайр, ҳамчунин ҳангоми баҳо додан ба ҳолатҳое, ки ба сифати нишонаҳои ҷиноят пешбинӣ шудаанду ҷавобгарии шахси гунаҳгорро вазнин мекунанд, далелҳои ҷойдоштаро таҳқиқ намоянд.

2. Ҳамчун тасарруфи ниҳонии молу мулки ғайр (дуздӣ) бояд ҳаракатҳои шахсоне, ки дар ғоибии молик ё дигар шахсе, ки молу мулк дар ихтиёраш мебошад, ё дар ғоибии шахсони бегона ё ин ки дар ҳузури онҳо, лекин ноаён аз онҳо, ғайриқонунӣ кашида гирифтани молу мулк содир гардидааст, банду баст карда шаванд. Дар ҳолатҳое, ки, агар шахсони зикргардида дидаанд, ки тасарруф содир шуда истодаасту лекин гунаҳгор вазъияти атрофро асос карда гумон мекард, ки ниҳонӣ амал карда истодааст, ин ҳаракати содиргардида низ тасарруфи ниҳонии молу мулки ғайр ҳисобида мешавад.

3. Тасарруфи молу мулки ғайр бо роҳи қаллобӣ аз содир намудани ҳаракатҳои

фиребгарона бо мақсади ғайриқонунӣ соҳиб шудани молу мулки ғайр ё ҳуқуқ ба молу мулк, бо сӯиистифодаи боварии ҷабрдида бо ҳамин мақсадҳо, иборат мебошад.

Фиреб-ин пеш аз ҳама қасдан вайрон нишон додани ҳолати ҳақиқии ашё, қасдан фиреб додани шахс (ҷабрдида), барқасдона гумроҳ кардани ӯ дар хусуси воқеаҳои муайян, ҳолатҳо, ҳодисаҳо бо мақсади ӯро барои бо иродаи худ, лекин бо маълумотҳои дурӯғ ё қасдан нагуфтани ҳақиқат, бо роҳи қалбакӣ ба қаллоб додани молу мулк талқин кардан мебошад. Масалан, дар мавриде, ки қаллоб худро чун шахси мансабдор ё корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ғайра вонамуд мекунад.

Фиреб мумкин аст бо пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои қалбакӣ барои гирифтани нафақа, иловапулӣ ба музди меҳнат, ёрдампулӣ барои бекорӣ ва ғайра ифода ёбад.

Сӯиистифодаи боварӣ чун шакли қаллобӣ-ин вақте ки гунаҳгор муносибатҳои муайяни шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ (шартномавӣ)-ро, ки дар боварии тарафайн (масалан, шартномаи кирояи маишӣ, қарзӣ тиҷоратӣ) асос шудаанд, ҳангоми аз шаҳрвандон гирифтани пул бо шартҳои иҷро кардани ӯҳдадориҳо, ки баъдан иҷро карда нашудаанд, истифода мебарад.

Сӯиистифодаи боварӣ бо фиреб алоқамандии наздик дорад. Гунаҳгор муносибатҳои махсуси боваринокиро байни ӯ ва соҳибмулк ё дигар шахсе, ки молу мулкро қонунӣ ихтиёрдорӣ мекунад, истифода мебарад, то ки фиреб нисбатан бовариноктар бошад, ё ин ки ба фиреб барои он рӯй меоварад, ки боварии ҷабрдидаро ба даст оварад.

Бояд дар назар дошт, ки ҳангоми дуздӣ, молу мулк қатъи назар ва бархилофи иродаи ҷабрдида ба таври ниҳонӣ тасарруф мешавад, дар мавриди қаллобӣ бошад, аз ҷониби соҳибмулк ё шахсе, ки молу мулкро ихтиёрдорӣ мекунад, ба ҷинояткор «ихтиёрӣ» додани молу мулк ҷой дорад.

4. Ошкоро тасарруф кардани молу мулки ғайр, ки дар моддаи 248 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст (ғоратгарӣ)-ин чунин тасарруфе мебошад, ки дар ҳузури соҳибмулк ё дигар шахсе, ки молу мулк дар ихтиёраш мебошад, ё ин ки дар пеши назари шахсони бегона содир шуда, шахси содиркунандаи ин ҷиноят дарк намояд, ки шахсони дар ин маврид ҳузурдошта хусусияти ғайриқонунӣ будани ҳаракатҳои ӯро фаҳмиданд, новобаста аз он, ки оё онҳо дар пешгирӣ намудани ин ҳаракатҳо чора меандешиданд ё не.

5. Агар шахси дар вақти ғайриқонунӣ кашида гирифтани молу мулки ғайр ҳузурдошта, ғайриқонунӣ будани ин ҳаракатҳоро намефаҳмид, ё ин ки вай хеши наздики гунаҳгор буда, аз ҳамин сабаб охирин чунин ҳисоб мекард, ки дар рафти гирифтани молу мулк аз тарафи ин шахс ба муқобилият дучор намешавад, ҳаракати содиршуда бояд чун дуздии молу мулки ғайр бандубаст карда шавад. Агар шахси номбаршуда барои пешгирӣ намудани тасарруф чора андешида бошад (масалан, қатъ кардани ин ҳаракатҳои ғайриқонуниро талаб карда бошад), дар ин ҳолат ҷавобгарии гунаҳгор барои ҳаракатҳои содиршуда бо моддаи 248 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал меояд.

6. Агар дар рафти содир намудани дуздӣ, ҳаракатҳои гунаҳгор аз тарафи соҳибмулк ё шахси дигари соҳибихтиёри молу мулк ё дигар шахсон, ошкор карда шаванду лекин инро гунаҳгор дарк карда, содир намудани ғариқонунӣ кашида гирифтани молу мулк ё нигоҳ доштани онро давом диҳад, дар ин сурат ҳаракати содиршуда бояд чун ғоратгарӣ, дар ҳолати истифода шудани зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ бошад, чун роҳзанӣ банду баст карда шавад.

7. Дар вақти муайян намудани фарқияти байни тамаъҷӯӣ (моддаи 250 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва ғоратгарӣ ё роҳзанӣ ба судҳо лозим аст дар назар дошта бошанд, ки ҳангоми тамаъҷӯӣ таҳдиди зӯроварӣ барои дар оянда гирифтани молу мулк равона карда шудааст, на ин ки ба лаҳзаи истифодаи таҳдид.

8. Дуздӣ, қаллобӣ ва ғоратгарӣ дар мавриде тамомшуда ҳисобида мешаванд, ки агар молу мулк гирифта шуда бошад ва гунаҳгор барои аз рӯи салоҳдиди худ истифода бурдан ё ихтиёрдорӣ намудани он (масалан, молу мулки тасарруфшударо ба манфиати худ ё ба манфиати дигарон равона кунад, ё аз рӯи ғараз бо дигар тарз онро ихтиёрдорӣ намояд) имконияти воқеӣ дошта бошад; роҳзанӣ аз лаҳзаи ҳуҷум кардан бо мақсади тасарруфи молу мулки ғайр, ки бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок ё бо таҳдиди

истифодаи чунин зӯроварӣ содир шудааст, тамомшуда ҳисобида мешавад; тамаъҷӯӣ аз лаҳзаи пешниҳод кардани талабе, ки бо таҳдиди истифодаи зӯроварӣ якҷоя изҳор мешавад, новобаста аз ноил шудан ба мақсади гузоштаашуда, тамомшуда ҳисобида мешавад.

9. Ҳаракатҳои ғайриқонуние, ки барои гирифтани молу мулки ғайр бе мақсадҳои ғаразнок, балки, масалан, бо мақсади муваққатан истифода бурдану минбаъд ба соҳибмулк баргардонидан ё ин ки бинобар ҳуқуқи воқеӣ ё эҳтимолӣ доштан ба ин молу мулк, равона карда шудаанд, таркиби ҷинояти дуздӣ, қаллобӣ ё ғоратгариро ташкил намедиҳанд. Бо назардошти ҳолатҳои кор, чунин ҳаракатҳо, ҳангоми ҷой доштани асосҳо, бояд бо моддаи 334 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар моддаҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бандубаст карда шаванд.

Дар ҳолатҳое, ки агар ғайриқонунӣ кашида гирифтани молу мулк ҳангоми авбошӣ, таҷовуз ба номус ё ин ки дигар ҳаракатҳои ҷинояткорона, содир шуда бошад, бояд муайян карда шавад, ки шахс бо кадом мақсад ин молу мулкро кашида гирифтааст.

Агар шахс мақсади ғаразнокро пеша карда бошад, ҳаракатҳои содиркардаи ӯ вобаста ба тарзи гирифтани молу мулк бояд, барои маҷмӯъи ҷиноятҳо мувофиқан чун ҷинояти муқобили моликият ва авбошӣ, таҷовуз ба номус ё дигар ҷиноят бандубаст карда шаванд.

10. Тасарруфи молу мулки ғайр дар ҳолате аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ содиршуда дониста мешавад, ки агар дар он шахсоне иштирок карда бошанд, ки дар хусуси якҷоя содир намудани ҷиноят пешакӣ маслиҳат карда бошанд. Маслиҳат дар мавриде пешакӣ кардашуда ҳисобида мешавад, ки то саршавии тасарруф, дар давоми тайёрӣ ба он ё бевосита пеш аз сӯиқасд доир гардида бошад. Фосилаи вақти байни маслиҳат ва саршавии тасарруфи молу мулки ғайр аҳамияте надорад.

11. Дар мавриди бандубасти ҳаракатҳои гунаҳгорон чун тасарруфи молу мулки ғайр аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ содиршуда, суд бояд муайян намояд, ки оё чунин маслиҳати ҳамиштирокчиён то саршавии ҳаракатҳое, ки бевосита барои тасарруфи молу мулки ғайр равона шуда буданд, ҷой дошт, оё бо мақсади амалӣ намудани қасди ҷинояткорона маслиҳат оиди тақсими нақшҳо ба амал омадааст, ҳамчунин аз ҷониби ҳар кадом ҳамиҷрокунандагон ва дигар ҳамиштирокчиёни ҷиноят чӣ гуна ҳаракатҳои мушаххас содир шудаанд. Дар ҳукм бояд далелҳо нисбати ҳар кадом иҷрокунандаи ҷиноятсодиркарда ва дигар ҳамиштирокчиён (ташкилкунанда, таҳриккунанда, ёрдамчӣ) баҳо дода шаванд.

12. Бо назардошти мафҳуми қисми 2 моддаи 39 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ё роҳзанӣ, ки аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ содир шудааст, дар ҳолатҳое низ ба амал меояд, ки мувофиқи маслиҳати пешакӣ байни ҳамиштирокчиён, бевосита кашида гирифтани молу мулкро яке аз онҳо амалӣ мекунад. Агар иштирокчиёни дигар мутобиқи тақсими нақшҳо ҳаракатҳои мувофиқашударо, ки ба расонидани ёрии бевосита ба иҷрокунанда барои содир намудани ҷиноят равона шуда буданд, содир карда бошанд (масалан, шахс ба манзилгоҳ дохил нашуда, вале дар шикастани дар, қуфл, панҷара иштирок карда бошад, аз рӯи маслиҳати пешакӣ мувофиқашуда молу мулки тасарруфшударо бароварда бошад, ҳимояи дигар ҳамиштирокчиёнро аз эҳтимолияти ошкор шудани ҷинояти содиршаванда таъмин карда бошад), ҳаракати содиркардаи онҳо ҳамиҷрокунандагӣ ба ҳисоб меравад ва мутобиқи қисми 2 моддаи 37 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон банду басти иловагиро бо моддаи 36 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб намекунад.

Ҳаракатҳои шахсе, ки дар тасарруфи молу мулки ғайр бевосита иштирок накардаасту вале бо маслиҳату дастурҳояш ё бо пешакӣ ваъда додани пинҳонсозии осори ҷиноят, бартарафкунии монеаҳои бо расонидани ёрӣ ба иҷрокунандагони бевоситаи ҷиноят алоқаманд набуда, ба соҳибияти каси дигар додани молу мулки тасарруфшуда ва ғайраҳо дар содиршавии ин ҷиноят ёрдам додааст, бояд дар шакли ёрдамчигӣ чун ҳамиштирокчӣ дар ҳаракати содиршуда, бо ҳавола ба қисми 5 моддаи 35 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, бандубаст карда шавад.

13. Ба судҳо лозим аст дар назар дошта бошанд, ки гурӯҳи шахсони бо маслиҳати пешакиро танҳо шахсоне ташкил карда метавонанд, ки бояд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд. Шахсони номуккалаф ва шахсоне, ки синну солашон барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан нарасидааст (дар айни замон 14 сола), ҳуқуқан, яъне аз нуктаи назари талаботи қонуни

ҷиноятӣ, ба ҳайати гурӯҳ дохил шуда наметавонанд, гарчанде ки онҳо амалан дар ниҳонӣ гирифтани молу мулки ғайр бевосита иштирок карда бошанд ҳам.

14. Шахсе, ки ҷиноятро ташкил кардааст ё дидаву дониста иштирокчии ҷиноятро, ки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад, ба содир намудани дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ё роҳзанӣ моил кардааст, мутобиқи қисми 2 моддаи 36 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон чун иҷрокунандаи ҳаракати содиршуда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Дар мавриди ҷой доштани асосҳое, ки бо қонун пешбинӣ шудаанд, ҳаракатҳои шахси зикргардида бояд ба таври иловагӣ бо моддаи 165 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷалби шахси ноболиғ ба содир намудани ҷиноят банду баст карда шаванд.

15. Агар қасди гунаҳгороне, ки ҳуҷуми роҳзанонаро аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ содир кардаанд, истифодаи силоҳ, лавозимоти ҷангӣ ё моддаҳои таркандаро дар бар гирад, ҳамаи иштирокчиёни ҷинояти содиршуда ҳамчун ҳамиҷрокунандагон, дар ҳолате, ки яроқ, лавозимоти ҷангӣ ё моддаҳои тарканда аз ҷониби яке аз онҳо истифода шуда бошанд ҳам, бо банди «в» қисми 4 моддаи 249 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд.

Дар ҳолатҳое, ки гурӯҳи шахсон дар бораи содир намудани дуздии молу мулки ғайр пешакӣ маслиҳат карда бошанду, лекин яке аз ҳамиҷрокунандагон аз ҳадди маслиҳати доиршуда баромада, ҳаракатеро содир карда бошад, ки ба он ҳамчун ғоратгарӣ ё роҳзанӣ баҳои ҳуқуқӣ дода мешавад, ҳаракати содиркардаи ӯ бояд мувофиқан бо бандҳо ва қисмҳои моддаҳои 248, 249 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст карда шавад.

16. Қаллобие, ки аз ҷониби шахс бо истифодаи мақоми хизматӣ содир шудааст, маънои онро дорад, ки соҳибмулк ё шахсеро, ки молу мулк дар ихтиёраш мебошад, фиреб карда, гунаҳгор дар ин маврид мақоми хизматии худро чун корманди ин ё он корхона, ташкилот ё муассиса истифода намудааст. Инҳо мумкин аст на танҳо шахсони мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, балки инчунин кормандони сохторҳои тиҷоратӣ, ки мақоми хизматии худро барои тасарруфи молу мулки ғайр бо роҳи фиреб истифода намудаанд, бошанд.

17. Ҳангоми банду басти дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ё роҳзанӣ мувофиқан бо банди «б» қисми 3 моддаи 244 ё бо банди «б» қисми 3 моддаи 247 ё бо банди «в» қисми 3 моддаи 248 ё ин ки бо банди «б» қисми 3 моддаи 249 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба судҳо лозим аст дар назар дошта бошанд, ки содир намудани яке аз ҷиноятҳои зикргардида аз ҷониби гурӯҳи муташаккил дар ҳолате эътироф карда мешавад, ки агар дар он гурӯҳи устувори шахсе, ки пешакӣ барои содир кардани як ё якчанд ҷиноят муттаҳид шудаанд (қисми 3 моддаи 39 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон), иштирок карда бошад.

Бар хилофи гурӯҳи шахсоне, ки пешакӣ дар бораи якҷоя содир намудани ҷиноят маслиҳат кардаанд, гурӯҳи муташаккил, аз ҷумла, аз рӯи устувориаш, дар ҳайати он мавҷуд будани ташкилкунанда (роҳбар) ва доштани нақшаи пешакӣ тартибдодашудаи фаъолияти якҷояи ҷиноятkорона, тақсим намудани вазифаҳо байни аъзои гурӯҳ ҳангоми тайёрӣ ба содир кардани ҷиноят ва амалӣ намудани қасди ҷиноятkорона, тавсиф карда мешавад.

Дар бораи устувории гурӯҳи муташаккил на танҳо фосилаи зиёди замонии мавҷудияти он, аз ҷониби аъзои гурӯҳ якчанд маротиба содир гардидани ҷиноят, балки аз ҷиҳати техникӣ таҷҳизонидани он, давомнокии тайёрии ҳатто яке аз ҷиноятҳо, ҳамчунин дигар ҳолатҳо (масалан, тайёрии махсуси иштирочиёни гурӯҳи муташаккил барои ворид шудан ба амборхона барои гирифтани пул (асъор) ё дигар сарватҳои моддӣ) шаҳодат дода метавонанд.

Ҳангоми ин ҷиноятҳоро аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содиргардида эътироф намудан, ҳаракатҳои ҳамаи ҳамиштирокчиён, новобаста аз нақши онҳо дар ҳаракати содиргардида, бояд чун ҳамиҷрокунанда, бе ҳавола ба моддаи 36 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, бандубаст карда шаванд.

Агар шахс, дигар шахс ё гурӯҳи шахсонро ба ташкил кардани гурӯҳи муташаккил барои содир кардани ҷиноятҳои мушаххас таҳрик карда бошаду лекин дар интихоб карда гирифтани иштирокчиёни он, банақшагирӣ ва тайёрӣ ба содир кардани ҷиноятҳо (ҷиноят) ё ин ки амалӣ намудани онҳо, иштироки бевосита накарда бошад, ҳаракатҳои ӯ бояд чун ҳамиштирокчӣ дар

содир намудани ҷиноят аз ҷониби гурӯҳи муташаккил, бо ҳавола ба қисми 4 моддаи 36 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, банду баст карда шаванд.

18. Мутобиқи банди 3 Эзоҳ ба моддаи 244 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ё роҳзаниро бо нишонаи «такроран»-и дар моддаҳои 244-251, 254 ва 257 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида банду баст намудан содир намудани ҷиноят, агар қабл аз он як ё якчанд ҷинояти пешбининамудаи ҳамин моддаҳо ва инчунин дар моддаҳои 186, 194, 199, 202 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, содир шуда бошанд, асос шуда метавонад.

Мувофиқи қисми 3 моддаи 19 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нишонаи зикршуда бояд ҳамчунин ҳаракатҳои шахсоне, ки дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ё роҳзаниро содир кардаанду дар сурате, ки агар дар лаҳзаи содир кардани ҷиноят доғи судиашон барои ҷиноятҳои дар банди 3 Эзоҳи мазкур қайдгардида барҳам нахӯрда ё бардошта нашуда бошад, низ банду баст карда мешаванд.

Тасарруфи давомдор, ки аз як қатор ҳаракатҳои ҷиноятии ҳаммонанд иборат буда, бо роҳи аз худи ҳамон як манбаъ кашида гирифтани молу мулки ғайр содир шудааст ба қасди ягона равона шудааст ва дар маҷмӯъ ҷинояти ягонаро ташкил мекунад, бояд аз тасарруфи такроран содиршуда фарқ карда шавад.

19. Ҳангоми содир намудани ду ва зиёда тасарруфи мустақилонаи молу мулки ғайр дар худи ҳамон як шакл бе нишонаҳои банду басткунанда (масалан, якчанд дуздӣ аз соҳибмулкони гуногун), ки барои онҳо шахс маҳкум карда нашудааст ё ин ки барои онҳо мӯҳлатҳои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан нагузаштааст, ҳаракатҳои зикргардида мутобиқи қисмҳои 1 ва 2 моддаи 19 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд чун такроран содиршуда бо банди «а» қисми 2 моддаи 244 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ё мувофиқан бо банди «а» қисми 2 моддаи 247 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ё бо банди «а» қисми 2 моддаи 248 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ё бо банди «а» қисми 2 моддаи 249 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст карда шаванд. Дар чунин ҳолатҳо ҳаракатҳои ҷиноӣ маҷмӯи ҷиноятҳоро ташкил намедиҳанд.

Аммо дар ҳолатҳое, ки агар шахс якчанд тасарруфи молу мулки ғайрро дар шаклҳои гуногун содир карда бошад (масалан, дуздӣ ва ғоратгарӣ) ё якчанд дуздиҳо, қаллобиҳо, ғоратгариҳо ё роҳзаниҳо содир карда бошад, ки мувофиқан бо қисмҳои гуногуни моддаҳои 244, 247, 248 ё 249 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст карда мешаванду барои онҳо шахс маҳкум карда нашудааст, ҳаракати содиршуда маҷмуӣ ҷиноятҳои зикршударо ташкил медиҳад. Дар ин маврид ҷиноятҳои дуюм ва баъдан аз рӯи вақти лаҳзаҳо содиршуда низ бо нишонаи «такроран» банду баст карда мешаванд.

Дар мавриди бо ҳолатҳои вазнинкунандаи дар якчанд қисмҳои моддаҳои 244, 247, 248 ё 249 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда содир намудани дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ё роҳзанӣ, дар ҳолати набудани маҷмӯи воқеии ҷиноятҳо, ҳаракатҳои гунаҳгор бояд танҳо бо он қисми моддаҳои КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷазои нисбатан вазнинро пешбинӣ менамояд, банду баст карда шаванд. Дар ин маврид дар қисми баёнии ҳукм бояд ҳамаи нишонаҳои бандубасткунандаи ҳаракат нишон дода шаванд.

20. Таҳти мафҳуми ғайриқонунӣ дохил шудан ба манзил, бино ё дигар амборхона бояд ба онҳо бо мақсади содир намудани дуздӣ, ғоратгарӣ ё роҳзанӣ ғайриқонунӣ ба таври пинҳонӣ ё ошкоро даромадан, фаҳмида шавад. Дохил шудан ба сохтмонҳо ё иншоотҳои зикршуда дар ҳолате низ амалӣ гардиданаш мумкин аст, ки агар гунаҳгор бе ворид шудан ба бинои дахлдор бо ёрии ҳар гуна асбобҳои гуногун ашёи тасарруфшавандаро бигирад.

Ҳангоми банду басти ҳаракатҳои шахсе, ки дуздӣ, ғоратгарӣ ё роҳзаниро бо нишонаи «ғайриқонунӣ дохил шудан ба манзил» содир намудааст, ба судҳо лозим аст дар назар дошта бошанд, ки таҳти мафҳуми манзил-биное, ки барои ба таври доимӣ ё муваққатан зиндагонӣ кардани одамон пешбинӣ шудааст (хонаи инфиродӣ, утоқи алоҳида, ҳуҷра дар меҳмонхона, бустонсарой, боғотхона ва ғайра), ҳамчунин он қисмҳои таркибии бино, ки барои истироҳат, нигоҳ доштани молу мулк ё ин ки қонеъ гардонидани дигар талаботҳои одам истифода мешаванд (балкон, пешайвони оинабандишуда, анборхона ва ғайра), фаҳмида мешавад.

Биноҳое, ки барои доимӣ ё муваққатан зиндагонӣ кардан пешбинӣ ва мувофиқ карда нашудаанд (масалан, таҳхона, анбор, гараж ва дигар биноҳои хоҷагӣ, ки аз сохтмонҳои манзилӣ

ҷудо мебошанд), ҳамчун манзил дониста намешаванд.

Таҳти мафҳуми бино, ки доир ба он дар қонун сухан меравад, бояд иморат, иншооте, ки барои ҷойгир кардани одамон ё арзишҳои моддӣ пешбинӣ шудааст, фаҳмида шавад. Вай метавонад чун доимӣ ва ҳамчунин муваққатӣ (масалан, анбор, гараж, корпусҳои корхонаҳо, биноҳои муассисаҳо, мағозаҳо), чун статсионарӣ ва ҳамчунин ҷойивазшаванда бошад.

Дигар анборхона-ин ҷоест, ки манзил, бино набуда, махсус барои нигоҳ доштани арзишҳои молӣ пешбинӣ шудааст, масалан, ҷойҳои муҳофизаткунандаи истгоҳҳои роҳи оҳан, платформаҳо, рефрижераторҳо, сейфҳо, контейнерҳо ва амсоли инҳо. Инчунин ҳудуде, ки дар зери осмони кушод буда, бо девор, панҷара иҳота гардида, ё махсус ҳифз карда мешавад, дигар амборхона буда метавонад. Агар нишонаҳои қайдшуда ҷой надошта бошанд, масалан, ангишти ба истгоҳи роҳи оҳан овардашуда тӯда-тӯда дар қитъаи кушода рехта шуда бошад, дар ин ҳолат тасарруфи ангиштро чун аз дигар амборхона тасарруфшуда банду баст кардан мумкин нест.

Ҳудуди ҳифзшавандае, ки барои нигоҳ доштани арзишҳои моддӣ пешбинӣ нашудааст, дигар анборхона ҳисобида намешавад. Масалан, дохил шудан ба ҳудуди ҳифзшавандаи боғи мева ва тасарруфи себҳоро, тасарруф бо дохил шудан ба дигар анборхона эътироф намудан мумкин нест.

21. Масъалаи дар ҳаракатҳои шахсе, ки дуздӣ, ғоратгарӣ ё роҳзаниро содир кардааст, ҷой доштани нишонаи ғайриқонунӣ дохил шудан ба манзил, бино ё дигар анборхонаро ҳал карда истода, ба судҳо лозим аст муайян намоянд, ки гунаҳгор бо кадом мақсад дар бино (манзил, анборхона) пайдо шудааст, ҳамчунин қасди гирифтани молу мулки ғайр дар кадом вақт ба амал омадааст. Агар шахс дар он ҷо қонунан ҳузур дошта, нияти ҷиноӣ надошта бошаду лекин баъдан дуздӣ, ғоратгарӣ ё роҳзанӣ содир карда бошад, дар ҳаракатҳои вай нишонаи зикргардида ҷой надорад.

Агар ҳаракатҳо чун дуздӣ бо дохил шудан ба манзил шурӯъ гардида, ба тасарруфи ошкоро табдил ёфта бошанд, вобаста ба ҳолатҳои мушаххаси кор ҳаракати содиргардида бояд чун ғоратгарӣ ё роҳзанӣ бо дохил шудан ба манзил банду баст карда шавад.

Дар сурати шахсро барои содир кардани тасарруфи молу мулки ғайр бо роҳи ғайриқонунӣ дохил шудан ба манзил гунаҳгор донистан, ин ҳолат бо моддаи 147 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон банду басти иловагиро талаб намекунад, зеро чунин ҳаракати ғайриқонунӣ худ нишонаи банду басткунандаи дуздӣ, ғоратгарӣ ё роҳзанӣ мебошад.

22. Агар шахс, дуздӣ, ғоратгарӣ ё роҳзаниро содир карда истода, бо роҳи шикастани дарҳо, қулфҳо, панҷараҳо ва амсоли инҳо ғайриқонунӣ ба манзил, бино ё дигар анборхона дохил шуда бошад, ҳаракати содиркардаи вай бояд мувофиқан бо бандҳо ва қисмҳои моддаҳои 244, 248 ё 249 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст карда шавад ва бо моддаи 255 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон банду басти иловагиро талаб намекунад, чунки дар ин ҳолатҳо қасдан несту нобуд кардани молу мулки қайдшудаи ҷабрдида тарзи содир кардани тасарруф бо ҳолатҳои вазнинкунанда ба ҳисоб меравад.

Агар дар рафти содир кардани дуздӣ, ғоратгарӣ ё роҳзанӣ он молу мулки ҷабрдида, ки ашёи тасарруф намебошанд (масалан, мебел, техникаи маишӣ ва дигар молу мулк) қасдан несту нобуд ё вайрон карда шуда бошанд, ҳаракати содиргардида, дар ҳолати ҷой доштани асосҳо, бояд ба таври иловагӣ бо моддаи 255 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст карда шавад.

23. Таҳти мафҳуми зӯроварие, ки барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок нест (банди «г» қисми 2 моддаи 248 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон), бояд лату кӯб ё содир кардани дигар ҳаракатҳои зӯроваронае, ки бо расонидани дардҳои ҷисмонӣ ба ҷабрдида ё маҳдуд кардани озодии ӯ (бастани дастҳо, истифода намудани дастбандҳо, дар бинои маҳкам монондан ва ғайра) алоқаманданд, фаҳмида шавад.

Таҳти мафҳуми зӯроварие, ки барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок аст (моддаи 249 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон), бояд чунин зӯроварие, ки ба расонидани зарари вазнин ва миёна ба саломатии ҷабрдида оварда расонида бошад, ҳамчунин расонидани зарари сабук ба саломатӣ, ки боиси вайроншавии кӯтоҳмуддати саломатӣ ё гум кардани устувории на он қадар зиёди қобилияти умумии меҳнат гардидааст, фаҳмида шавад.

Бо қисми 1 моддаи 249 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҳуҷум бо мақсади тасарруфи молу

мулк, бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок, ки гарчанде ба саломатии ҷабрдида зарар нарасонида бошаду лекин дар мавриди истифода шуданаш ба ҳаёту саломатӣ хавфнокии воқеиро ба амал меовард, банду баст карда шавад.

Истифодаи зӯроварӣ ҳангоми ҳуҷуми роҳзанона, ки дар натиҷаи он ба саломатии ҷабрдида қасдан зарари сабук ё миёна расонида шудааст, бо таркиби роҳзанӣ дар бар гирифта мешавад ва бо моддаҳои 112 ё 111 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон банду басти иловагиро талаб намекунад. Дар ин мавридҳо, агар ҳолатҳои вазнинкунандаи дар қисмҳои 2, 3 ё 4-и ин модда пешбинишуда ҷой надошта бошанд, ҳаракати содиргардида бо қисми 1 моддаи 249 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, банду баст карда мешавад.

Агар дар рафти ҳуҷуми роҳзанона бо мақсади тасарруфи молу мулки ғайр ба саломатии ҷабрдида зарари вазнин, ки аз беэҳтиётӣ боиси фавти ҷабрдида гардида бошад, расонида шуда бошад, ҳаракати содиргардида бояд барои маҷмӯи ҷиноятҳо бо банди «г» қисми 3 моддаи 249 ва банди «в» қисми 3 моддаи 110 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, банду баст карда шавад.

Дар мавридҳое, ки тасарруфи молу мулки бо таҳдиди истифодаи зӯроварие, ки хусусияти номуайян дорад, алоқаманд аст, масъалаи эътироф кардани дар ҳаракатҳои шахс ҷой доштани ғоратгарӣ ё роҳзанӣ бояд бо назардошти ҳамаи ҳолатҳои кор: ҷой ва вақти содир кардани ҷиноят, шумораи ҳуҷумкунандагон, хусусияти олотҳое, ки бо онҳо ба ҷабрдида таҳдид карда шудааст, аз ҷиҳати субъективӣ қабул кардани таҳдид, содир кардани ягон намуди ҳаракатҳои намоишкоронаи мушаххас, ки дар бораи нияти истифода намудани зӯроварии ҷисмонии ҳуҷумкунандагон шаҳодат медиҳад ва ғайра, ҳал карда шавад.

Агар дар рафти тасарруфи молу мулки ғайр нисбати ҷабрдида маҷбуран маҳдуд кардани озодӣ истифода шуда бошад, масъалаи эътироф кардани дар ҳаракатҳои шахс ҷой доштани ғоратгарӣ ё роҳзанӣ бояд бо назардошти хусусият ва дараҷаи хавфнокии ин ҳаракатҳо ба ҳаёт ва саломатӣ, ҳамчунин оқибатҳое, ки ба амал омадаанд ё мумкин буд ба амал оянд (масалан, дар бинои хунук мондани ҷабрдидаи басташуда, маҳрум сохтани ӯ аз имконияти барои ёрӣ муроҷиат кардан), ҳал карда шавад.

24. Агар шахс дар вақти ҳуҷуми роҳзанона куштори ҷабрдидаро содир карда бошад, ҳаракати содиркардаи ӯ бояд бо банди «и» қисми 2 моддаи 104 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин бо банди «г» қисми 3 моддаи 249 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст карда шавад. Ҳангоми дар ҳаракатҳои шахси барои ҳуҷуми роҳзанона гунаҳгор ҷой доштани дигар ҳолатҳои вазнинкунанда (масалан, роҳзании аз тарафи гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ бо ғайриқонунӣ дохил шудан ба манзил ва ғайра содиршуда), ин нишонаҳои тарафи объективии роҳзанӣ бояд дар қисми баёнии ҳукм нишон дода шаванд.

25. Дар мавриди бо банди «в» қисми 4 моддаи 249 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст кардани ҳаракатҳои гунаҳгор, ба судҳо зарур аст дар асоси хулосаи экспертиза муайян намоянд, ки оё олоти ҳангоми ҳуҷум истифодашуда силоҳ, лавозимоти ҷангӣ ё моддаҳои тарканда мебошад. Дар ҳолати ҷой доштани асосҳо, ҳаракатҳои чунин шахс бояд ба таври иловагӣ бо моддаи 195 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, банду баст карда шавад.

Агар шахс фақат силоҳро намоиш дода бошад ё дидаву дониста бо силоҳи корношоям ё заряддоркарданашуда ё силоҳи сунъӣ, масалан, бо макети таппонча, ханҷарбозича ва ғайра таҳдид карда бошаду ҷиҳати расонидани ҷароҳатҳои ҷисмонии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок нияти истифодаи ин олотҳоро надошта бошад, ҳаракатҳои вай (дар сурати набудани дигар ҳолатҳои вазнинкунанда), бо назардошти ҳолатҳои мушаххаси кор, бояд чун роҳзанӣ, ки барои он дар қисми 1 моддаи 249 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарӣ пешбинӣ шудааст, ё чун ғоратгарӣ, агар ҷабрдида фаҳмида бошад, ки ба ӯ бо силоҳи корношоям ё заряддоркарданашуда ё намоиш додани силоҳи сунъӣ, таҳдид карда истодаанд, банду баст карда шавад.

Дар ҳолатҳое, ки агар бо мақсади тасарруфи молу мулки ғайр, бо нияти ҷабрдидаро ба ҳолати оҷизӣ овардан, ба бадани ҷабрдида бархилофи хоҳиши ӯ воситаҳои сахттаъсир ё мадҳушкунанда гузаронида мешавад, ҳаракати содиргардида бояд, чун роҳзанӣ банду баст карда шавад. Агар бо ҳамин мақсад ба бадани ҷабрдида воситаҳое, ки ба ҳаёту саломатӣ хавфнок нестанд, гузаронида шуда бошанд, ҳаракати содиркарда, бо назардошти оқибатҳои ба

амаломада, бояд чун ғоратгарӣ бо истифодаи зӯроварӣ банду баст карда шавад. Хосият ва хусусияти таъсири воситаҳое, ки ҳангоми содир кардани ҷиноятҳои қайдшуда истифода шудаанд, мумкин аст бо роҳи гузаронидани экспертиза муайян карда шаванд.

Ҳаракатҳои шахсе, ки бо мақсади тасарруфи молу мулки ғайр бо истифодаи сагҳо ё дигар ҳайвонҳое, ки ба ҳаёт ва саломатии одам хавфнок мебошанд, ё бо таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ, ҳуҷум кардааст, бо назардошти ҳолатҳои мушаххаси кор, бояд бо моддаи 249 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун роҳзанӣ банду баст карда шаванд.

26. Дар мавриди банду баст намудани ҳаракатҳои шахсе, ки тасарруфи моликияти шахсиро бо расонидани зарари ҷиддӣ, калон ё махсусан калон содир намудааст, ба судҳо лозим аст, ки банди 2 Эзоҳ ба моддаи 244 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба роҳбарӣ гирифта, ҳолати молумулкии ҷабрдида, арзиши молу мулки тасарруфшуда ва аҳамиятнокии он ба ҷабрдида, андозаи музди меҳнат, нафақа, дар таъминоти ҷабрдида мавҷуд будани хӯрандагон, маҷмӯи даромади аъзои оила, ки бо онҳо хоҷагии умумӣ мебарад ва ғайраро ба инобат гиранд.

Нишонаи бандубасткунандаи дуздӣ, қаллобӣ ё ғоратгарӣ, ки мувофиқан дар банди «в» қисми 2 моддаи 244 ё бо банди «в» қисми 2 моддаи 247 ё бо банди «в» қисми 2 моддаи 248 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, танҳо дар ҳолате ба гунаҳгор бо айбнома эълон карда мешавад, ки агар дар натиҷаи ҷинояти содиршуда ба ҷабрдида воқеан зарари моддии ҷиддӣ расонида шуда бошад.

27. Мувофиқи банди 2 Эзоҳи қайдгардида чун тасарруфи молу мулки давлатӣ ё дастаҷамъӣ ба миқдори калон ё махсусан калон бояд тасарруфи молу мулки ғайр, ки арзиши умумии онҳо мувофиқан аз андозаи маоши ҳадди ақал як ҳазор маротиба-дар ҳолатҳои тасарруф ба миқдори калон ва аз ду ҳазор маротиба-дар ҳолатҳои тасарруф ба миқдори махсусан калон, зиёд мебошад, агар онҳо бо як тарз ва ҳангоми ҳолатҳое, ки аз қасди содир намудани тасарруф ба миқдори калон ё махсусан калон шаҳодат медиҳанд, содир шуда бошанд, банду баст карда шавад.

Дар мавриди ҳалли масъалаи банду басти ҳаракатҳои шахсоне, ки тасарруфи молу мулки ғайрро дар ҳайати гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё гурӯҳи муташаккил бо нишонаи «ба шаҳрванд зарари ҷиддӣ расонидан» ё бо нишонаҳои «ба миқдори калон» ё «махсусан калон» содир кардаанд, бояд арзиши умумии молу мулки аз ҷониби ҳамаи иштирокчиёни гурӯҳи ҷиноӣ тасарруфшударо ба асос гирифт.

Агар шахси ҳуҷуми роҳзанона содиркарда молу мулки ҷабрдидаро, ки мутобиқи банди 2 Эзоҳи моддаи 244 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон арзишаш миқдори калон ё махсусан калонро ташкил намекунад, тасарруф карда, ба ҷабрдида зарари ҷиддӣ расонида бошад, ҳаракати содиргардида, дар сурати набудани дигар ҳолатҳои вазнинкунандаи дар қисмҳои 2, 3 ва 4 моддаи 249 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондодашуда, бояд бо қисми 1 моддаи мазкур банду баст карда шавад. Аммо дар ҳолатҳое, ки агар шахси ҳуҷуми роҳзанона содиркарда мақсади ба миқдори калон ё махсусан калон ба даст овардани молу мулкро дошту вале амалан онро соҳиб нагардид ё молу мулкро соҳиб гардид, ки арзиши он аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо аз як ҳазор ё ду ҳазор маротиба зиёдтар нест, дар ин маврид ҳаракатҳои вай бояд бо банди «а» қисми 3 ё банди «б» қисми 4 моддаи 249 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон чун роҳзанӣ бо мақсади ба миқдори калон ё махсусан калон ба даст оварани молу мулк банду баст карда шавад.

Миқдори молу мулки тасарруфшударо муайян карда истода, дар ин маврид бояд арзиши вақеии он дар лаҳзаи содир шудани ҷиноят ба асос гирифта шавад. Ҳангоми набудани маълумот дар бораи нарх, арзиши молу мулки тасарруфшударо дар асоси хулосаи экспертҳо муайян кардан мумкин аст.

28. Ҳаракати содиршударо, бо нишонаи содир гардидани ҷиноят дар ҳолати ретсидиви хавфнок ё махсусан хавфнок, ки дар моддаҳои 244, 247, 248 ва 249 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, танҳо дар мавриди ҷой доштани шартҳое, ки дар моддаи 21 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудаанд, банду баст кардан мумкин аст.

29. Ба судҳо зарур аст, ки талаботи қонунро дар бораи пурра ҷуброн намудани зарари моддии бо ҷинояти ба муқобили молу мулки ғайр расонидашуда риоя намоянд. Дар сурати аз ҷониби мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ иҷро нагардидани талаботи қонунгузории

мурофиавӣ оид ба андешидани тадбирҳо ҷиҳати таъмин намудани ҷуброни зарар, бояд саривақт бо ташаббуси худ чунин тадбирҳо андешида шавад ва бо таъиноти хусусӣ ба вайронкуниҳои қайдшудаи қонунгузорӣ, эътибор дода шавад.

30. Бо мақсади роҳ надодан ба ҳолатҳои таъин намудани ҷӣ чораҳои беасоси сабуки ҷазо ва ҷӣ чораҳои вазнини ба ҳаракати содиркарда номувофиқи ҷазо, диққати судҳо ба зарурати ба таври ҷиддӣ риоя кардани принсипи фардикунонии ҷазо ҳангоми таъин намудани ҷазо ба гунаҳгорони ҷинояти ба муқобили молу мулки ғайр содиргардида ҷалб карда шавад.

31. Дар вақти баррасии парвандаҳои марбут ба тасарруфи молу мулки ғайр ба судҳо зарур аст сабабҳо ва шароитеро, ки ба содир шудани ин ҷиноятҳо мусоидат кардаанд, ошкор намоянд ва бо тартиби бо қонун муқарраргардида, ба онҳо эътино намоянд.

32. Ба судҳо тавсия дода шавад, ки таҷрибаи татбиқ намудани қонунгузории оид ба ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои ба муқобили молу мулки ғайрро мунтазам омӯзанд ва баҳри бартараф намудани хатогиҳову нуқсонҳо дар татбиқ намудани қонунгузории мазкур сари вақт тадбирҳо андешанд.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **С.Фатҳиллоев**

**Котиби Пленум,**
**судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **З.Н.Азизов**